# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ҚАРОР

Дар бораи баъзе чораҳои такмили сохтори тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

қарори Ҳукумати ҶТ аз 16.03.1999 № 101)

Бо мақсади мувофиқасозии идораи тандурустӣ дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуматҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе:

мутамарказ сохтани захираҳои моддию техникӣ ва захираҳои дигари барои эҳтиёҷоти соҳаи тандурустӣ ҷудошавандаро бо роҳи махсусгардонии муассисаҳои табобатӣ, пурратар истифода намудани катҳои беморхонаҳо таъмин намуда, шумораи онҳоро соли 1996 10% кам кунанд;

аз эътибор соқит дониста шуд (қарори Ҳукумати ҶТ аз 16.03.1999 № 101)

2. Ҳукумати вилояти Ленинобод Шӯъбаи тандурустии Ҳукумати шаҳри Хуҷандро барҳам дода, вазифаҳои онро ба идораи тандурустии Ҳукумати вилоят супорад.

3. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маблаъҳои озод шударо барои инкишофи ёрии ибтидоии табобатию санитарӣ ва татбиқи барномаҳои афзалиятноки ҳифзи саломатӣ равона намояд.

Раиси Ҳукумати

Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмонов

аз 30 апрели соли 1996, № 178

ш.Душанбе